# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-012 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМ

Парвандаи аттестатсионии № 25

Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 29.06.2024, № 25.2

Барои сазовор донистани Ғаюрова Рано Саидмуродовна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ.

Диссертатсияи Ғаюрова Рано Саидмуродовна дар мавзӯи "Мукаммалгардонии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.05.03 – Хизматрасониҳои нақлиётӣ ва гумрукӣ) ба ҳимоя 18 апрели соли 2024, суратмаҷлиси № 25.1 аз тарафи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2), ки дар асоси фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 марти соли 2024, № 10/ҳя барои ҳимояи якдафъаина таъсис ёфтааст, қабул карда шуд.

Ғаюрова Рано Саидмуродовна 07 августи соли 1978 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Соли 2000 Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси фаъолияти гумрукӣ хатм намудааст.

Солҳои 2004-2008 ҳамчун ассистенти кафедраи экспертизаи молҳо ва фаъолияти гумруки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон фаъолият намудааст. Аз соли 2008 то инҷониб ҳамчун муаллими калони кафедраи фаъолияти гумрукӣ фаъолият менамояд. Аз соли 2009 то соли 2022 унвонҷӯйи кафедраи фаъолияти гумруки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз рӯйи 08.00.05 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.05.03 – Хизматрасониҳои нақлиётӣ ва гумрукӣ) мебошад.

Мавзуи диссертатсияи Ғаюрова Рано Саидмуродовна дар ҷаласаи Шурои олимони донишгоҳ аз 12 марти соли 2019, суратҷаласаи №9 тасдиқ гардидааст.

Диссертатсия дар кафедраи фаъолияти гумруки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Роҳбари илмӣ: Раҷабова Нурҳаёт Раҷабовна – н.и.и., дотсенти кафедраи фаъолияти гумруки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

- Каримова Мавзуна Темуровна – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири шуъбаи таҳқиқотҳои назариявӣ ва муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии Тоҷикистон;

- Шоҳназари Хуҷаназари Ғуломзода – номзади илмҳои иқтисодӣ, сарнозири раёсати ташкили назорати гумрукӣ Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тољикистон

Хулосаи мусбати додашудаи муассиса дар ҷаласаи ғайринавбатии муштараки кафедраи фаъолияти гумруки Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 28 майи соли 2024, суратҷаласаи № 10/1 баррасӣ гардида, аз тарафи раиси ҷаласа, мудири кафедраи фаъолияти гумрукӣ Давлатов Х.М., эксперт - н.и.и., дотсент Муминов А.Б., ва котиби ҷаласа н.и.т., дотсенти кафедраи фаъодияти гумрукӣ Мираков Қ.М. имзо шуда, аз тарафи ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, н.и.и., дотсент Абдуалимзода Ҳ.А. санаи 30.05.2024 тасдиқ шудааст.

Дар хулоса қайд гардидааст, ки диссертатсия дар мавзӯи “Мукаммалгардонии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.05.03 – Хизматрасониҳои нақлиётӣ ва гумрукӣ) таҳқиқоти илмӣ-тахассусии баитмомрасида буда, ба талаботи муқарраргардидаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад, дорои аҳамияти баланди назариявию амалӣ, навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардидааст, масъалаи муҳими илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Ғаюрова Рано Саидмуродовна сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси зикршуда мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқот вобаста ба соҳаи иқтисодиёти соҳаи хизматрасонї, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисодиТољикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

Довталаби дараҷаи илмӣ 23 интишори илмӣ, аз ҷумла оид ба мавзӯи диссертатсия 23 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 10 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда чопшуда дорад.

[1-А] Ғаюрова Р.С., Назарбекова Н.А. Масоил ва тамоюли рушди хизматрасониҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон //Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ) 2 (46) / 2023.- С.145-151.(ВАК). ISSN 2308-054X.

[2-А] Ғаюрова Р.С., Ҷаборов А.И. Мукаммалгардонии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон //Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ) 3(42) / 2022.- С.145-151.(ВАК). ISSN 2308-054X.

[3-А] Ғаюрова Р.С. Низомҳои гумрукӣ ва хусусияти истифодабарии онҳо дар шароити муосир //Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ) 4/2( 39) 2021.- С.73-83. ISSN 2308-054X.

[4-А] Ғаюрова Р.С. Амсиласозии иқтисодию риёзии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар мақомоти гумрук//Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ) №3 (37) 2021.-С.254-261.ISSN 2308-054X.

[5-А] Ғаюрова Р.С. Баҳодиҳии сатҳи хизматрасониҳо дар раванди интихоб ва истифодаи низомҳои гумрукӣ//Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ(маҷаллаи илмӣ) № 1 (10-11) 2021.-С. 32-40. ISSN 2707-9996.

[6-А] Ғаюрова Р.С., Раҷабова Н.Р. Самтҳои афзалиятноки рушди хадамоти гумрук дар асоси маркетинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон//Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ) №2 (31) 2020.-С.29-35. ISSN 2308-054X.

[7-А] Ғаюрова Р.С., Абдуқодирзода Ҷ.К. Нақши инфрасохтори гумрукӣ дар баландбардории сифати назорати гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ) №3 (28) 2019.-С.47-52.ISSN 2308-054X.

[8-А] Ғаюрова Р.С., Раҷабова Н.Р. Мукаммалгардонии раванди ба ҳудуди гумрукӣ ворид намудани молҳои ҳатман сертификатсияшаванда// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ) №3 (28) 2019.-С.52-57. ISSN 2308-054X.

[9-А] Гаюрова Р.С., Раджабова Н.Р. Совершенствование порядок ввоза в таможенной территории продукцию, подлежащей обязательной сертификации// Вестник Таджикского государственного университета коммерции (научный журнал) №1 (26) 2019.-С.104-109.ISSN 2308-054X.

[10-А] Гаюрова Р.С., Самиев Ф.Б. Организационно-экономические факторы совершенствования развития системы таможенных услуг в Республике Таджикистан. // Вестник Таджикского государственного университета коммерции (научный журнал) №3 (16) 2016.-С.39-45.ISSN 2308-054X.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо зерин ворид шуданд:**

1. Мирзобеков Х.Д. – н.и.и.,дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва логистикаи нақлиётии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ бо чунин эродҳо: 1. Дар автореферат на ҳамаи афзалиятҳои таҷрибаи ҷаҳонии рушди пешниҳоди хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дида баромада шудаанд. 2. Баъзе аз самтҳои мукаммалгардонии низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пуррагӣ дар автореферат шарҳ дода нашудааст.

2. Сафарова М.Б. номзади илмҳои иқтисод, саромӯзгори факултети Иқтисод ва идора Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бо чунин эродҳо: 1. Дар рисола дар сатҳи зарурӣ таҳқиқи низомҳои гумрукию хусусияти истифодабарии онҳо дар шароити муносибатҳои иқтисодиёти бозорӣ дида баромада шудааст. Мутаасифона раванди такмили низомҳои гумрукӣ дар автореферат пурра шарҳ дода нашудааст. Инчунин дар автореферат на ҳамаи қисматҳои стратегии рушди инноватсионии мақомоти гумрукӣ дар шароити муосир ва арзёбии сатҳи хизматрасониҳо дар раванди истифодаи низомҳои гумрукӣ дида баромада шудааст.

3. Мирзозода Фарҳод – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи хадамоти гумруки Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон бо чунин эродҳо: 1. Дар рисола таҳким ва рушди инфраструктураи гумрукӣ бо мақсади истифодаи низомҳои гумрукӣ мавриди натиҷагирии пурра қарор нагирифтааст. 2. Бартарияти созмон додан ва ҷорӣ намудани гумруки рақамӣ дар раванди интихобу амалисозии низомҳои гумрукӣ баҳо дода нашудааст.

4. Ҷумъаев Б.М. – д.и.и., дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи байналмилаии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон бо чунин эродҳо: 1. Ҳангоми баррасии хусусиятҳои хизматрасониҳои гумрукӣ иҷрои талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ, инчунин интихоб ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дида баромада нашудааст. 2. Механизми аниқи дуруст ба роҳ мондани алоқаи мутақобилаи байни мақомоти гумрук, ташкилотҳои нақлиётӣ, терминалҳо дар автореферат оварда нашудааст.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- асосҳои назариявию методии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар шароити муносибатҳои иқтисоди бозорӣ аниқ карда шуда, асосҳои назариявию методии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар шароити муносибатҳои иқтисоди бозорӣ, нақши бозори хизматрасонии гумрукӣ дар иқтисодиёти кишвар, низомҳои гумрукӣ ва хусусияти истифодабарии онҳо дар шароити муосир ва таҷрибаи ҷаҳонии рушди низоми идоракунии хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ муайян гардидааст;

- вазъи ҳозира ва рушди истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Тоҷикистон, ҷабҳаҳои консептуалии идоракунӣ ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти иқтисодиёти байналмилалӣ, таҳлил ва баҳодиҳии хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амсиласозии иқтисодию риёзии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар мақомоти гумрук ба сомон расонида шудааст;

- самтҳои такмили истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаккулёбии стратегияи рушди инноватсионии мақомоти

гумрукӣ дар шароити муосир, арзёбии сатҳи сифати хизматрасониҳо дар раванди истифодаи низомҳои гумрукӣ, самтҳои мукаммалгардонии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- омӯзиши моҳият ва нақши бозори хизматрасонии гумрукӣ дар сохтори иқтисодиёти кишвар, таснифи намудҳои низомҳои гумрукӣ ва хусусияти истифодабарии онҳо дар шароити муосири иқтисодӣ;
- муоинаи таҷрибаи ҷаҳонии рушди низоми идоракунии хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дар раванди беҳтарсозии фаъолияти гумрукӣ дар Тоҷикистон;
- тадқиқи ҷабҳаҳои консептуалии истифодаи модели самараноки идоракунӣ, интихоб ва истифодаи низомҳои гумрукӣ;
- таҳлил ва баҳодиҳии хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муайян намудани омилҳои таъсиррасон ба рушди хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ, амсиласозии иқтисодию риёзӣ ва таҳияи стратегияи рушди инноватсионии мақомоти гумрукӣ, истифодаи низомҳо ва баҳодиҳии самаранокии сифати хизматрасониҳои гумрукӣ;
- пешниҳоди дурнамои рушди афзалиятноки хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030.

**Аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқоти илмии ба дастовардаи унвонҷӯ чунин тасдиқ мегардад:**

- муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот дар мудирияти минтақавии гумрукии ш.Душанбе ва дар раванди таълими Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон татбиқ гардидаанд;
- самтҳои асосии илман асоснокгардидаи таҳқиқ метавонанд барои ба таври дақиқ ва объективӣ арзёбӣ намудани беҳтар намудани хизматрасониҳои гумрукӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии амалӣ намудани низомҳои гумрукӣ дар шароити муосир истифода шаванд.

**Арзёбии саҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқот ошкор менамояд, ки:**

- ҷабҳаҳои консептуалии идоракунӣ ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти иқтисодиёти байналмилалӣ, таҳлил ва баҳодиҳии хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амсиласозии иқтисодию риёзии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар мақомоти гумрук асос ёфтааст.
- ғояи таҳқиқот аз таҳлили дастурҳо, баромадҳо ва паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти ҳисоботии Хадамоти гумруки

назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи таҳлилие, ки дар нашрияҳои даврӣ чоп шудаанд, маводи воқеии дар монографияҳои самти таҳқиқ нашршуда, маводи оморӣ ва таҳлилии вазорату идораҳои дахлдор, маводи конференсияҳо ва дигар маводи таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ сарчашма мегиранд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ дар он зоҳир мегардад, ки:**

- татбиқи хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи диссертатсия дар шароити муосир мусоидат менамояд; асосҳои назариявии пешниҳоди хизматрасониҳои гумрукӣ, принсипҳо, усулҳо ва механизми ба танзимдарории тарифию гумрукӣ, инчунин самтҳои асосии истифодабарии низомҳои гумрукӣ ва натиҷаҳои дар диссертатсия ба даст оварда шударо дар раванди ташкили ҷараёни таълими Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст. Инчунин натиҷаҳои илмӣ – методии пешниҳод намудаи муаллифро ҳангоми омӯзиши фанҳои “Фаъолияти гумрукӣ”, “Ташкили назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт”, “Ташкил ва идора дар мақомоти гумрук”, “Барасмиятдарории молу воситаҳои нақлиёт” барои донишҷӯёни ихтисосҳои иқтисодии донишгоҳҳои олӣ истифода намудан имконпазир аст.
- муқаррароти асосии диссертатсия дар 23 кори илмӣ, аз он ҷумла 10 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд;
- натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашуда дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ тӯли солҳои 2012-2023 баргузор гардидаанд, аз тарафи муаллиф маърӯза гардидаанд.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 29 июни соли 2024 қарори сазовор донистани Ғаюрова Рано Саидмуродовна бо дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ барои ҳимояи якдаъфаина аз 20 нафар аъзои Шуро 17 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла мутахассисон оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 3 нафар. Овоз доданд: тарафдор – 18 нафар, муқобил – нест, бюллетени беэътибор – нест.

**Раиси Шурои**
**диссертатсионӣ, д.и.и., дотсент** **Шаропов Ф.Р.**

**Котиби илмии Шурои**
**диссертатсионӣ, д.и.и., дотсент** **Толибов Қ.Қ.**

*Санаи барасмиятдароии хулоса - 29.06.2024*